**Тақризи**

муқарризи расмӣ - Хоҷаев Қурбон Тоирович ба диссертатсияи докторию Бозоров Хушвахт дар мавзуи **“Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия ( 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

**Моҳият ва муҳиммияти мавзуъ.** Дар зинаҳои поёнии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ роҳу равиши таълим хусусиятҳои хосеро дорост, ки омӯзгорро бомулоҳиза ва ботаҳаммул мебояд кор гирифт ва тадриҷан ба муваффаққиятҳо ноил гардид. Дар ин зинаҳои таълим на ҳар омӯзгор метавонад, таҳаммул намояд ва бурдбор гардад. Зеро атфоли наврасида дар ин айёём мисли хамир хом аст ва омӯзгорро лозим меояд, ки аз ин хамирмоя тадиҷан инсони лоиқи ҷомеа ва давру замон созад. Ин тадбир бо кадом усулҳо амалӣ мегардад, вазифаи омӯзгор аст.

Масоили ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ бар ҳадафи рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ яке аз вазифаҳои асосии мактаби муосир маҳсуб мегардад. Дисертант мубрамияти мавзуъро дар он мебинад, ки яке аз омилҳои ба талабот ҷавобгӯ набудани низоми таълим дар зинаҳои поёнии мактабҳо дар раванди дарс кам таваҷҷуҳ кардани омӯзгорон ба кори мустақилонаи талабагон арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқ тавассути таҷриба ва мушоҳидаҳо, далелу аснодҳо собит намудааст, ки омӯзгорон барои иҷрои корҳои мустақилонаи ҳамин зинаҳои таълим вақти зарурӣ ҷудо намекунанд, ҳангоми иҷрои супоришҳо ниёзмандии хонандагон ба назар гирифта намешавад.

Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки барои самаранок ва сифатан боло бурдани сифати таълим дар ин зинаҳои таълим мебояд

раванди азбар намудани малакаҳои хондану навиштан дар як рӯз на камтар аз ду соат лозим меояд. Дар ин ҳангом барои аз худ кардани малакаҳо вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ лозиманд, то ки хонанда мустақилона фаъолият намуда, зери роҳбарии омӯзгор супоришҳоро дилпурона иҷро намояд.

**2.Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ аз диди пажуҳишгарони дохилӣ ва хориҷӣ.**

Диссертант андар мавзуи пажуҳиши хеш фикру андешаҳои олимони соҳаи таълиму тарбияро дар миқёси Ҷумҳур ва хориҷ аз он мавриди таҳлилу баҳрабардорӣ қарор дода, хулоса ва натиҷабардории шахсии худро низ ба миён гузоштааст, ки қобили қабул аст. Дар ин боб шоиста аст, бигӯем, ки пажуҳанда хидматҳои нахустин олимону арбобони соҳаи таълиму тарбияро дар солҳои 30 – юму 40 – ум арзёбӣ намудааст. Ӯ аз таҳлилҳо ва ҳаллу фаслҳо ба хулосае омадааст, ки:

-таҳлил ва арзёбии сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ;

- дар робита бо имконоти зеҳнию нутқии хонандагони сифҳои ибтидоӣ дарёфтани роҳҳои сифатан боло бурдани сатҳи салоҳиятнокии мутахассисони соҳаи таълим бар ҳадафи ташаккули фаъолияти мустақилона;

- омода намудани мутахассисони варзидаи таълим дар макотиби олии касбӣ;

- бедор намудани шавқу рағбат нисбат ба забон ва инкишофи нутқ;

- қобилияти фикр кардан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва баён;

**3. Фарзияҳое, муҳаққиқ ба ҳимоя пешниҳод менамояд:**

Диссертант баҳри самаранокии раванди ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар зинаҳои поёнии таълим тахминҳои зеринро зарур мешуморад:

-риоя намудани санадҳои меъёрӣ: барнома, нақшаи таълим, китоби дарсӣ;

- дарку фаҳмиши амиқи ҳодиса ва воқеаҳои ҳаёт;

- ташаккули зеҳнии хонандагон дар раванди иҷрои фаъолияти мухталифи таълим ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардию шахсӣ ва синнусолии хонандагони зинаҳои ибтидоӣ;

- ошкор намудани омилҳое, ки сабаби самаранокии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши атфол мегарданд.

**4. Падидаҳои навине, ки аз таҳқиқот бармеоянд:**

- усулҳои самараноки ташкили фаъолияти мустақилона ба хотири рушди зеҳн ва нутқи атфол;

- талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии атфоли навомӯз;

- муайян ва амиқан собит намудани вазъи кунунии фаъолияти мустақилонаи таълими дарсҳо дар зинаи ибтидоӣ бар ҳадафи рушди зеҳн ва нутқи атфоли навомӯз;

- таҳияи амсилаи фаъолияти мустақилонаи атфоли навомӯз баҳри рушди зеҳнию нутқи онҳо.

**5. Муҳтавои асосии диссертатсия**

Диссертатсия бидуни муқаддима ва таркиби ҷузъу томи он аз чаҳор бобу 15 зерфасл, хулоса ва натиҷаҳо таркиб ёфтааст. Муаллиф саъю кӯшиш намудааст, ки дар ин фаслу зерфаслҳо усулу роҳу равиши ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии атфоли навомӯзро дар зинаҳои ибтидоии таълим мавриди баррасӣ қарор бидиҳад.

Диссертант ба дараҷа ва савияи дарку фаҳмиши худ моҳияти педагогӣ, психологӣ ва методии малакаи фаъолияти мустақилонаи таълими атфоли навомӯзро мавриди пажуҳиш қарор дода, дар боби рушди асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти

мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии онҳо пешниҳодҳои муфид ва судманд ироа доштааст.

Муқаррароти назарии рушди зеҳн ва нутқ, имконияти он, таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати накша ва барномаҳои таълим, китобҳои тадрисӣ, дастур ва дигар маводи дидактикӣ марбут ба ҳамин самти фаъолияти шогирдони хурдсол дар диссертатсия мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст, ки бешубҳа барои самаранокии пажуҳиш кӯмаки амалӣ расондааст.

**Дар бобҳои дувум ва савуми кор муҳаққиқ** бештар ба ҷанбаҳои шаклу намуду мазмуни фаъолияти мустақилонаи таълими синфҳои ибтидоӣ, усулҳои бедор намудани шавқу ҳаваси шогирдон, истифода бурдани технологияи робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи таълим, созмон додани шаклҳои таълими берун аз дарс ва фаъолияти таълим дар рушди нутқи шогирдон изҳори назар кардааст.

Диссертант дар боби самараи машғулиятҳои берунасинфӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин қазоват менамояд:

“ Машғулиятҳои берунасинфӣ имконият медиҳанд, ки маводи дар дарс омӯхташуда ва дафтари хотира шуурона аз худ карда шуда, мустаҳкамтар гардида, захираи луғавии бачаҳо зиёд гашта, нутқи шифоҳӣ ва хаттииияшон инкишоф ёбад, рағбати онҳо ба омӯхтани забони модарияшон афзояд” (саҳ.24). Чунин усули таълим шояд ба атфоли навомӯзи 7 – 8 сола раво набошад, дар ҳоле ки дар ин синну сол кӯдак баъд аз дарс бояд истироҳату фароғат намояд, ба бозӣ машғул бошад, вале ӯ бидуни ин боз ба мактаб меояд.

Диссертант дар боби чоруми диссертатсия андешаҳои хешро оид ба консепсия ва мушаххас намудани роҳу равиши мазмуни таҳсилот, коркарди нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, таҳияи шаклҳои мухталифи нақшаи барномаҳо, ки дар фазои таҳсилот арзи вуҷуд доранд, илман асоснок кардааст. Дигар ин ки ӯ яке аз масъалаҳои воқеӣ дар назди педагогика ва методикаи

таълими замони муосирро дар муайян кардани роҳу усулҳои ташаккулёбию инкишофи сифатҳои маърифатии хонандагони хурдсол, бедор намудани шавқу рағбати маърифатҷӯйӣ дар ҷараёни таълим маҳсуб медонад.

**6. Чанд андешаҳои муҳимме, ки барои ҳимоя пешниҳод мегардад:**

-технологияи ба кори мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ одат кунонидани хонандагон;

- роҳҳои муайянсозии имкониятҳои ақлии хонандагон;

- моҳияти омӯзандагӣ, ташаккулдиҳандагӣ ва тарбиявии матнҳо ба хонандагон;

- тарзҳои ташкили муколама, баҳсу мубоҳисаҳои гуногуни натиҷаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишии хонандагон бо иштироки худи онҳо;

- нақши бозиҳои дидактикӣ дар иҷрои фаъолияти мустақилона;

- методикаи ибтикории фаъолияти мустақилона ҳамчун методикаи рушддиҳандаи зеҳнии хонанда;

- фаъолияти тарафайни омӯзгорон ва волидайн дар ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи хонандагон.

Автореферати диссертатсия ба мазмуну мундариҷаи рисола ва банду басти таркиби бобҳои он комилан мувофиқат ва мутобиқат менамояд. Маҷмуи мақолаҳое, ки муаллиф дар давоми солҳои пажуҳиш дар маҷаллаву баёзҳо мунташир сохтааст, муҳтавои рисоларо собит менамоянд.

Ба диссертатсияи доктории Бозоров Хушвахт дар маҷмуъ тариқи мусбат арзёбӣ намуда, дар радифи он баъзе норасоиҳои ҷузъии онро низ бояд зикр намуд:

1. Дар диссертатсия арзишҳои миллии тарбияи шарқӣ ба инобат гирифта нашудааст. Мушоҳида мешавад, ки зери таъсири усулҳои таълими аврупоӣ ва ғарбгароӣ қарор дорад;

2. Бисёр самарабахш ва муфид мебуд, агар дар пажуҳишҳои усули таълим ба омӯзгорон вобаста ба мавзуи машғулият истифодаи панду андарзу насиҳатро пешниҳод намоем, зеро ки ахлоқу одобу фарҳанги наврасони ҷомеи муосир ба онҳо ниёзманд аст;

3. Тавсия ва пешниҳоди муаллиф дар хусуси созмон додани машғулиятҳои беруназсинфӣ барои зинаҳои нахустини таълим, бахусус, атфоли 7 – 8 сола, ки онҳо бояд баъд аз дарс истироҳат ва фароғат намоянд, шояд хилофи методикаи таълим аст;

4. Диссертант дар қисмати " Тавсифи умумии таҳқиқот", " Хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо", бобу фаслу зерфаслҳо фикру андешаҳоеро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки муродифи ҳамдигаранд, яъне шабеҳи ҳамдигаранд.

5. Муаллиф баъзе усулҳои таълимро ном мебарад ва "навин" меномад, ки барои аксари омӯзгорон мавҳум аст. Масалан: методи марказшаҳр;

6. Дар диссертатсия мафҳумҳои " салоҳиятнокӣ", " ҳамгироӣ", " тафриқавӣ" ниҳоят бемавқеъ, ночаспон мавриди истифода қарор гирифтааст. Равшан аст, ки омӯзгорони мо ҳоло ҳам моҳияти онҳоро нафаҳмидаанд.

7. Дар хусуси супоридани вазифаи хонагии синфҳои поёнӣ дар давраи муосир андешаҳо мухталифанд. Аглаби методистон бар он нуқтаи назаранд, ки дар ҳамин зинаи таълим вазифаи хонагӣ супорида нашавад. Ҳол он ки диссертант як зерфасли ( фасли 3.3)-ро ба методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ бахшидааст.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро коста нахоҳанд кард. Арзиши илмӣ ва сатҳи пажуҳишии рисолаи таҳқиқотии анҷомпазируфта арзанда

буда, муҳиммияти мавзуъ, навгониҳо, дастовардҳо ва дастуру пешниҳодҳои онро собит хоҳад кард.

Ба андешаи мо, рисолаи доктории Бозоров Хушвахт дар соҳаи Назария ва методикаи таълиму тарбия саҳми назаррас дорад.

Диссертатсия комилан ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ дар назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он – Бозоров Хушвахт сазовори унвони доктори улуми педагогӣ оид ба ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия ( 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ( таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забон ва фарҳанги
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қурбон Тоирович

Суроға: х. Борбад, 48/5, 734055, Душанбе тел: (+992 37) 234-88-00, 918664708 (моб)
факс: 234-88-02 Web: www.dsx.tj E-mail: dsx_ ips @ mail.ru

Имзои Хоҷаев Қ. Т.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.

28.08.2024